**Вазорати тандурустї ва њифзи иљтимоии ањолии**

**Љумњурии Тољикистон**

# *Хизматрасонињои равониву иљтимої*

## *ҳамчун қисми вокуниши байниидоравї ба зўроварии гендерї*

### *Амалиётњои стандартии оперативї (АСО)*

**Душанбе - 2019**

## Мундариља

**Муќаддима** 3
**Маќсад ва вазифаҳо** 4
**Истифодабарї** 5
**Принсипњои роњбарикунанда** 7
Принсипњои эътинои байнисоњавї ба ЗГ 7
Принсипњо ва стандартњои хизматрасонї ба љабрдидагон/шахсони дучоршудаи ЗГ 8
**Аломатњо ва рафторе, ки аз ЗГ гувоњї медињанд 9**
Аломатњое, ки аз ЗГ гувоњї медињанд 9
Рафторе, ки аз ЗГ гувоњї медињад 10
**Бо љабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ чӣ гуна њамкорї бояд кард 10**
**Амалиётњо 13**
Ошкорсозї 13
Бањодињї 15
Хизматрасонї/Дахолат 16
Машварати бўњронї 16
Манзили бехатар 17
Дастгирии дарозмуддати иљтимої ва машваратдињї 17
Дигар хизматрасонињои иловагї 18
Бањодињии њолати рўњї/равонї ва идорасозї 19
Бањогузорї ва идорасозии хатарњо 19
Њуљљатгузорӣ 21
Равонасозї 22
Вазифаи ёвари иљтимої 24
Оиди пешгирї намудани зуроварї дар оила 25
**Наќшаи инфиродии бехатарї барои занони гирифтори зуроварї аз тарафи шарикони љинсї ё дигар аъзоёни оила 27**
**Шарњи мафњумњо 29**
**Адабиёт 32**

# МУЌАДДИМА

Љанбаи гендериро яке аз мушкилоти љањонишавї њисобидан мумкин аст. Амалан дар сайёра мамлакате вуљуд надорад, ки дар он мушкилоти гендерї љой надошта бошад. Њукумати Љумњурии Тољикистон ба масъалаи таъмин намудани њимояи њуќуќњои инсон нисбати занону духтарон диќќати махсус медињад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Љумњурии Тољикистон, муњтарам Эмомалї Рањмон иродаи ќавии сиёсии худро нисбати баланд бардоштани мавќеи занон, фароњам овардани шароиту имкониятњои баробари амалї намудани њуќуќу имкониятњои худ барои занону мардон изњор намудаанд. Дар ин мавзўъ барномаи давлатї низ тањия ва аз љониби Њукумати Љумњурии Тољикистон тасдиќ карда шуда, дар асоси Фармони Президенти Љумњурии Тољикистон «Дар бораи баланд бардоштани наќши зан дар љомеъа» аз 02.03.с.1999, № 5 санадњои (њуљљатњои) меъёрї - њуќуќие ќабул шудаанд, ки ба њимояи њуќуќњои занон марбутанд.

Санадњои ќонунгузорї ва амалкунандае, ки ба љанбањои расонидани хизматрасониҳо ба љабрдидагони зўроварї дар Љумњурии Тољикистон дахл доранд (бевосита ва бавосита):

- ✓ Моддаи 17 "Конститутсияи Љумњурии Тољикистон" "Дар бораи баробарњуќуќии мардону занон";
- ✓ "Кодекси оилаи Љумњурии Тољикистон" аз 13.11.1998, №683;
- ✓ Ќонуни ҶТ «Дар бораи кафолатњои давлатии баробарњуќуќии мардону занон ва имкониятњои баробари амалї намудани онњо» аз 01.03. 2005, №89»:
- ✓ Ќонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зўроварї дар оила», ки бо Фармони Президенти ЉТ аз 13.03.2013, №954;
- ✓ "Барномаи давлатии пешгирии зўроварї дар оила барои солњои 2014-2023;
- ✓ «Наќшаи чорабинињои татбиќи Барномаи давлатии пешгирии зўроварї дар оила барои солњои 2014 – 2023 аз 03.05.2014, №294;
- ✓ "Консепсияи рушди оила дар Љумњурии Тољикистон" аз 30.12.2015, №801.

Дар асоси Ќонуни Љумњурии Тољикистон «Дар бораи пешгирии зўроварї дар оила», ки бо Фармони Президенти Љумњурии Тољикистон аз 19.03.2013, №954 тасдиќ карда шудааст ва Наќшаи чорабинињои татбиќи Барномаи давлатии пешгирии зўроварї дар оила барои солњои 2014 – 2023, ки бо ќарори Њукумати Љумњурии Тољикистон аз 03.05.2014, №294 тасдиќ карда шудааст, бо ташаббуси Вазорати тандурустї ва њифзи иљтимоии ањолии Љумњурии Тољикистон ва бо дастгирии Хазинаи нуфуси СММ (ЮНФПА) соли 2013 дар заминаи МД "Маркази миллии тиббї", "Таваллудхонаи №2" - и шањри Душанбе, таваллудхонањои шањрњои Бохтар ва Кўлоби вилояти Хатлон, шањрњои Хуљанд ва Гулистони вилояти Суғд, шањри Вањдат ва ноњияи Рашти ноњияњои тобеи љумњурї њуљрањо

барои хизматрасонї ба занони аз зўроварї љабрдида ташкил карда шуд. Ин њуљрањо бо таљњизоти зарурї барои калонсолону кўдакон, аз љумла, кондитсионерњо, катњои хоб барои кўдакону калонсолон, лавозимоти зарурии ошхона ва бењдоштї љињозонида шуда, шароитњои зарурї барои муваќќатан зиндагї кардан ва гирифтани кўмаки тиббї, равонї ва моддии љабрдидагони зўроварии оилавї фароњам оварда шудаанд.

Ба туфайли бењтар шудани иттилоотнокии ањолї тавассути ВАО ва муассисањои тиббї оид ба пешгирї намудани зўроварии хонаводагї ва кўмакрасонї ба љабрдидагони њама шаклњои зўроварї, муроїиати љабрдидагон ба њуљрањои номбаршуда зиёд гардидааст. Ќайд кардан зарур аст, ки баќайдгирии њодисањо ва сифати кўмаки расонидашуда бењтар шуда истодааст.

Соли 2017 аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи клиникӣ “Ташкил ва расонидани кўмаки тиббї ба шахсони дучоршудаи зуровarии шањвонӣ” ва амалиётњои стандартии оперативї оид ба “Хизматрасонии тиббӣ. Эътиноии байнисоҳавӣ ба зуровarии гендерӣ” таҳия карда шудаанд. Амалиётњои стандартии оперативии мазкур бо мақсади мукаммал намудани хизматрасонињои равониву иљтимої ба љабрдидагони зўроварї омода карда шудаанд.

## МАЌСАД ВА ВАЗИФАЊО

Таъмини хизматрасониҳои босифати равониву иљтимоӣ љузъи муҳими вокуниши ҳамоҳангшудаи байниидоравӣ ба ЗГ мебошад. Хизматрасониҳои иљтимоӣ доираи васеи хизматрасониҳоеро дарбар мегиранд, ки барои таъмини ҳуқуқ, амният ва беҳбудии занону духтарони таҳти зуровarї ќарордошта муҳиманд ва инчунин, маълумотро дар бораи ҳолатҳои бухронї, кӯмакрасонӣ, манзили бехавф ва иттилооти ҳуқуқиро дарбар мегиранд.

Соҳаи тандурустї ва таъминкунандагони хизматрасонињои равониву иҷтимоӣ аз нуќтаи назари ошкорсозї, бањодињї, дастгирӣ, машварат, чорабиниҳои бўњронї, њуљљатгузорї, равонасозї ва чорабинињои минбаъда дар пешгирии њодисањои ЗГ наќши муњим мебозанд.

Бартараф намудани тамоми оќибатњои барои саломатии љисмї, рўњї, шањвонї ва репродуктивї зараровари зўроварї нисбати занону духтарон, бо роњи таъмини хизматрасонињои дастраси тандурустї, ки ба осебњо эътино менамоянд, маводи доруворӣи дастрас, бехатар, самараноку босифат, кўмаки аввалия, муолиљаи осебњо ва кўмаки тиббии рўњию иљтимої ва фикрї, контрасепсияи таъљилї, исќоти њамли бехатар, агар хизматрасонињо аз тарафи ќонунгузории миллї иљозат дода шуда бошанд, пешгирии баъдииртиботии сирояти ВНМО, ташхису табобати беморињои бо роњи алоќаи љинсї сироятшаванда, омўзонидани кормандони тиб бо маќсади

самаранок ошкор намудан ва табобати занони ба зўроварї дучоргашта, инчунин экспертизаи судии тиббї аз тарафи мутахассисони ихтисоснок.

Амалиётњои стандартии оперативї (АСО) барои равшану муфассал баён намудани амалњои таъминкунандагони хизматрасонии тиббї, ки метавонанд ба љабрдидагон/шахсони дучоршуда ба ЗГ кўмак/хизмат расонанд, тањия карда шудаанд.

Маќсадњои АСО барои дахолат намудани таъминкунандагони хизмтрасонињои тиббї њангоми њодисањои ЗГ:

- кўмакрасонї барои самаранок ошкор намудани љабрдидагон/шахсони ба ЗГ дучоршуда;
- таъмин намудан ва/ё баланд бардоштани бехатарии љабрдидагон дар тамоми марњилањои дахолат;
- таъмин намудани сифат ва мувофиќат њангоми хизматрасонињо;
- мусоидат намудан ба такмил ва њамоњангсозии њуљљатњои ЗГ ва љамъоварии маълумотњо;
- кафолати махфияти хизматрасонињое, ки ба љабрдидагон/шахсони дучоршуда ба ЗГ расонида мешаванд;
- мусоидат намудан барои интиќоли самараноки љабрдидагон/шахсони дучоршудаи ЗГ ба муассисаҳои тандурустї ва дигар таъминкунандагони хизматрасонињо;
- робитаи муассисањои тиббї бо дигар таъминкунандагони хизматрасонињо ба љабрдидагон/шахсони дучоршудаи ЗГ.

Гарчанде мардону писарон низ метавонанд аз оќибатњои бевосита ва бавоситаи зўроварии гендерї зарар бинанд, диќќати асосии маълумотњои АСО ба занону духтарон равона карда шудааст, чунки аксаран онњо ба зўроварию муносибати берањмона дучор мешаванд. Дар баробари ин, шаклњои зўроварие, ки онњо дучор мегарданд вазнин, басомад ва оќибатњои онњо аз зўроварие, ки мардон дучор мегарданд, хеле фарќ мекунад.

## ИСТИФОДАБАРЇ

АСО амалиётњои даќиќ, фаъолияти марњила ба марњилаи њаррўза, вазифаву уњдадорињоеро танзим менамояд, ки њар як корманди тиб, ки хизматрасонињои тандурустиро пешнињод менамояд, бояд риоя намояд. Ин идораҳо метавонанд шуъбаҳои давлатии кўмаки иљтимої муассисањои тиббии зинањои аввалия, миёна ва олї ё хадамоти махсус барои љабрдидагон/ шахсони гирифтори ЗГ бошанд. Барои нисбатан самарнок амалишавии АСО омодагии минималии таъминкунандагони хизматрасонињои тиббї муайян карда шудааст. Омўзиш бояд як ќисмати маљмўии барнома/наќшаи омўзишї бошад, ки дар худ ќисмњои эътинои байнисоњавї ба ЗГ, эътинои махсусгардонидашудаи тиббї ба ЗГ, њамчунин пешгирї ва иттилоотро дар бар гирад.

Хизматрасониҳои асосии равониву иљтимої ба љабрдидагон/шахсони дучоршуда ба ЗГ, ки бояд дар доираи васеи вазъиятҳо расонида шаванд, инҳоянд:

- огоҳї аз бўҳрон;
- машварати бўҳронї;
- хатҳои кўмак;
- манзили бехавф;
- кўмаки моддї ва молиявї;
- таъсис, барқарорсозї, иваз намудани ҳуљљатҳои тасдиққунандаи шахсият;
- маълумоти ҳуқуқї, машварат ва намояндагї, аз љумла дар системаҳои ҳуқуқии омехта;
- кўмак ва машваратдиҳии равонї;
- дастгирии марказонидашудаи занон;
- хадамоти кўдакона барои ҳама гуна кўдакони сўистифодашуда;
- иттилооти љамъиятї, таълим ва фарогирї;
- кўмак дар истиқлолияти иқтисодї, барқароршавї ва мустақилият
- љамъоварии маълумот ва идоракунии иттилоот.

Њангоми ташкил намудани кўмак ба љабрдидагон/шахсони ба ЗГ дучоршуда, ба инкишофи кўмак ба занон равонакардашуда диќќати махсус дода, махфият ва дахлнопазирии њаёти шахсиро кафолат додан лозим аст. Барои роњ надодан ба стигматизатсияи патсиент дар як њуљраи машваратї бояд маљмўи пурраи кўмакрасонї пешнињод карда шавад ва ин њуљра набояд бо чунин сифат муайян карда шавад. Ѓайр аз ин, ба љабрдидагон/шахсони ба таљовузи номус дучоршуда, дастрасии афзалиятнок бояд таъмин карда шавад.

Хизматрасониҳои махсусгардонидашуда ба љабрдидагон/шахсони ба ЗГ дучоршуда метавонанд аз љониби муассисаҳои ҳукуматӣ /љамъият ӣ/ давлатӣ (хадамоти давлатї); ташкилотҳои ғайритиљоратї / ғайриҳукуматї ё тиљоратї (хадамоти хусусї) таъмин карда шаванд ва дар доираи созишнома миёни мақомотҳои ҷамъиятӣ/давлатї ва ташкилотҳои хусусї (ғайритиљоратї ё тиљоратї) хизматрасониҳои давлатиро таъмин менамоянд ё лоиҳа ўҳдадориҳои назарраси техникї ва амалиётиро ба дўш мегирад (иттиҳодияи давлативу хусусї), расонида мешаванд.

Барои самаранок анљом додани АСО, омўзиши ҳадди ақали мушовирон ҳангоми истифодаи он нишон дода шудааст. Беҳтар аст, ки омўзиш ҳамаљониба бошад, ки бахшҳо оид ба вокуниши байниидоравӣ ба зуроварии гендерӣ, вокуниши мушаххас ба зуроварии гендерӣ аз ҷониби таъминкунандагони хизматрасонии равониву иљтимої, инчунин пешгирї ва иттилоотро дар бар гирад.

АСО уњдадорињои мушаххаси таъминкунандагони хизматрасонии равониву иљтимої вобаста ба расонидани кўмак ба монанди психотерапия, кӯмаки иҷтимоӣ ё дигар намудҳои кӯмакҳои махсусро баён намекунад. Њама

гуна амалиётњои махсусе, ки аз тарафи ќонунгузории миллї, ќоидаву меъёрњои танзимшаванда пешбинӣ шудаанд, метавонанд илова карда шаванд ва маълумотњои АСО вобаста ба хусусиятҳои ҳар мамлакат мутобиќ карда шаванд.

## ПРИНСИПЊОИ РОЊБАРИКУНАНДА

## ПРИНСИПЊОИ ЭЪТИНОИ БАЙНИСОЊАВЇ БА ЗГ

**Муносибати ба талаботњои љабрдида равонашуда.** Барои тамоми таъминкунандагони хизматрасонињо, ки ба эътинои байнисоњавии ба ЗГ љалб шудаанд, бояд њуќуќњо, талаботу хоњишњои љабрдида афзалиятнок бошанд.

**Њамкорї.** Эътинои байнисоњавї ба ЗГ њамкорї ва њамоњангсозии самараноки муассиса/ташкилотњои љалбшударо пешбинї менамояд.

**Идоракунии коллективї.** Тартиби дахолати байнисоњавї ва равонасозї, стратегия ва наќшањои амалї дахлдошта, аз љумла банаќшагирї, амалишавї, мониторинг ва бањодињии барномањо бояд дар асоси иштирокитамоми алоқамандон, аз љумла бо иштироки бенифитсиарњо (агар ќобили ќабул бошад) тартиб дода шаванд.

**Банаќшагирии стратегї.** Сиёсат оид ба мубориза бар зидди падидањои зўроварии гендерї равонашуда, бояд ба стратегияњои умумии байнисоњавии дорои маќсаду амалњои мушаххас ворид карда шаванд.

**Хизматрасонињои маљмўї.** Амалиётњо барои дахолат ва равонасозї, њамчунин чорабинињои муњофизатї, муносибати байниидоравиро талаб мекунанд, ки аз методологияи ягонаи корӣ иборат мебошанд.

**Пешгирї.** Муносибати самараноки маљмўии афзалиятнок, ки пешгирии зўроварии гендериро дар бар мегирад.

**Њисоботдињї.** Тамоми чорабинињо/ташкилотњо бояд раванди њисоботдињиро барои кормандон бо маќсади татбиќ ва риояи барномањои мувофиќакардашуда/ќоидањо ва пайгирї аз ин принсипњои рођбарикунандаро дар корашон таъмин намоянд.

**Устуворї.** Бо вуљуди таѓйиротњои сиёсї ё сайлонияти кадрњо, набудани њавасмандӣ, муассиса/ташкилотњое, ки ба эътинои байнисоњавї шомил гаштаанд, бояд тамоми шароитро барои татбиќ ва амалишавии ин муносибат таъмин намоянд.

## ПРИНСИПУ СТАНДАРТЊОИ ХИЗМАТРАСОНЇ БА ЉАБРДИДАГОН/ШАХСОНИ ДУЧОРШУДАИ ЗГ

**Муносибат бо назардошти хусусиятњои гендерї.** Њангоми хизматрасонї муносибатеро пеша кардан зарур аст, ки баробарии гендерї, таъсир ва оќибати зўровариро нисбати занон эътироф менамояд. Хизматрасониҳои равонию иљтимої бояд талаботҳои гуруҳи мушаххаси занон ва духтарон, аз он чумла гуруҳҳои маргиналиро ба назар гирад. Таъминкунандагони хизматрасонињои равонию иљтимої бояд гуногунрангии истифодабарандагони хизматрасонињоро эњтиром намоянд ва муносибати ѓайритабъизиро истифода баранд, яъне занони ба ЗГ дучоршуда дастрасии баробару пурра ба кўмаки тиббї доранд ва бояд онҳо бо хизматрасонии сифати ягонадошта таъмин бошанд.

**Муносибат бо љабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ.** Њангоми дахолат ба воќеа/њодисањои ЗГ хоњиш, њуќуќ ва шаъну эътибори љабрдидаро эњтиром намуда, бо муносибати хайрхоњона, барои муайян намудани талаботњои љабрдида роњњои имконпазири ҳалли онҳо мусоидат намоянд. Таъминкунандагони хизматрасонињои равонию иљтимої бояд ба љабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ барои ќарор ќабул намудан, кўмак расонанд.

**Бехатарї ва муњофизат.** Бехатарии љабрдида ва таъминкунандаи хизматрасонињои равонию иљтимої бояд њангоми ташкил ва расонидани кўмак ба љабрдида/шахсони ба ЗГ дучоршуда, ба назар гирифта шавад. Бањодињии бехатарии љабрдида/шахси ба ЗГ дучоршуда бояд њангоми идентификатсия гузаронида шавад, ки мизољ дар бораи дучори ЗГ шуданаш хабар медињад. Ѓайр аз ин, бањодињии бехатарии шахсї ќисми њар як машаваратдињї буда, дар марњилаи ибтидоӣ ба назар гирифтани тањдидњои имконпазир (фаъолияти зўроваронаи шавњарон, аъзои оила) муњим аст, то боварї њосил карда шавад, ки машваратдињї бе зарари эњтимолї барои худ, патсиент ё дигар њамкорон гузаронида шуда метавонад.

**Махфият.** Риоя намудани махфият чораи муњими таъмин намудани бехатарии њам љабрдида/шахсони ба ЗГ дучоршуда, њам таъминкунандагони хизматрасонињои тандурустї мебошад. Махфияти љабрдида бояд доимо риоя карда шавад ва мубодилаи танҳо иттилооти зарурї ва бо ризоияти љабрдида сурат мегирад. Пинњонї будани машваратдињї (идентификатсия ва идоракунии клиникї) ва махфияти љамъоварии маълумотњо, бањисобгирї, њисоботдињї ва мубодилаи иттилоот хатари фош шудани њам мизоҷ ва њам таъминкунандагони хизматрасонињои тандурустиро кам мекунад. Нигоњ доштани махфият кафолат медињад, ки љабрдида дар натиљаи барои кўмак мурољиат карданаш ба тањдидњо ва/ё зўроварињои минбаъда дучор намегардад, инчунин таъминкунандаи хизматрасонињои тандурустиро аз тањдидњои шахси зўроварї содирнамуда ё аъзои оила муњофизат менамояд. Мубодилаи иттилоот махфї, яъне, ки баъзе аз иттилоот ба дигар њамкорони соҳа комилан дар асоси принсипи «зарурият» дода шуда метавонад. Иттилоот ба њамкорон дар мавриде дода шавад, агар сабабњои тиббї мављуд бошанд ва таъминкунандаи хизматрасонињои тандурустї љабрдидаро ба дигар таъминкунандаи

хизматрасонињои тандурустї интиқол медиҳанд. Бояд қайд намуд, ки вазъияти мавҷударо қаблан ба љабрдида иттилоот дода шуда ризоияти љабрдида барои додани иттилоот бояд гирифта шавад. Агар махфият бо ќарор дар бораи њисоботдињии њатмї мањдуд шуда бошад, љабрдида бояд фавран дар ин бора огоњонида шавад.

**Интихоби бошуурона.** Фаъолият бояд фаќат бо иљозати љабрдида ва баъди гирифтани ризоияти бошууронаи ӯ анҷом дода шавад.

**Роњ надодан ба поймолкунии њуќуќ (дискриминатсия).** Новобаста аз синну сол, нажод, дин, этинои шањвонї, мансубияти гендерї, номукаллафї, вазъи оилавї, вазъи маълумот ва иљтимоию иќтисодї тамоми љабрдидагон/шахсони ба ЗГ дучоршуда баробарҳуқуқ мебошанд ва бояд ба онҳо муносибати якхела карда шуда, ба хизматрасонињо дастрасии баробар дошта бошанд.

## АЛОМАТЊО ВА РАФТОРҲОЕ, КИ АЗ ЗГ ГУВОЊЇ МЕДИЊАНД

Оқибатҳои равонии зуроварии гендерӣ аксар вақт мураккабанд, яъне аксаран таъсири осебӣ метавонад шадид бошад, аммо аз сабаби такроршавӣ ва мунтазамии ЗГ оқибатҳо музмин ва амиқтар мегарданд ва дар баъзе ҳолатҳо ба оқибати психопатологӣ оварда мерасонад.

### АЛОМАТЊОЕ, КИ АЗ ЗГ ГУВОЊЇ МЕДИЊАНД

Оқибатҳои маъмултарини равонӣ ва психосоматикӣ инҳоянд:

- Ҳисси гунаҳкорӣ, шарм, ғазаб, ғамгинӣ, ноумедӣ, нотавонӣ, беқувватӣ, нафастангӣ.
- Ҳисси доимии хатар (ҳамеша ҳушёр аст).
- Ҳисси доимии тарс.
- Надоштани қобилияти ғамхорӣ дар бораи худ ва дигарон.
- Танҳоии бардавом (бегонагӣ).
- Аз даст додани қобилияти сохтани нақшаҳо.
- Набудани ташаббусҳо, тарси танҳоӣ, аз даст додани шавқу рағбат ба ҳаёт.
- Ба худ боварӣ надоштан.
- Асабоният ва ҳолати изтиробӣ.
- Аз меъёр зиёд задани набз (тахикардия).
- Рафтори фобӣ ( тарс).
- Вайроншавии фаъолияти меъдаю рӯда.
- Вайроншавии хоб.
- Вайроншавии раванди истеъмоли ғизо.
- Дард дар мушакҳо.
- Истеъмоли зиёди машруботи спиртӣ ва истифодабарии маводҳои нашъаовар.

- Дар ҳолати зуроварии шаҳвонӣ таъсири махсуси психологӣ.
- Фикрҳои дурнашаванда, ки танҳо дар сари одам ҷой гирифта, дигар намудҳои фаъолияти рӯҳиро иваз менамояд.
- Фикрҳои дурнашаванда (хотираҳои осебӣ ногаҳон меоянд ва ҳолати изтиробро талқин мекунанд).
- Аксуламалҳои ҷисмонӣ (ларзиш ва ҳолатҳои аз ҳушравӣ ҳангоми ба ёд овардани ҳодисаҳои нохуш).
- Беихтиёрона ба ёд овардани ҳодисаи аз сар гузаронида.
- Хобҳои даҳшатовар.

**РАФТОРЕ, КИ АЗ ЗГ ГУВОЊЇ МЕДИЊАД**

- Канораҷӯи аз одамон, ҷойҳо, фаъолият, рафтор ва муносибатҳое, ки шахси амали зуроварӣ намуда онҳоро дӯст надорад (ҳамчун муҳофизат аз авҷгирии зӯроварӣ).
- Зуд – зуд иваз намудани ҷои кор.
- Паст шудани фаъолияти иҷтимоӣ ва фаъолият дар вақтҳои озод.
- Канораҷӯӣ аз одамон, ҷойҳо ё ҳолатҳое, ки ба љабрдидагон/шахсони ба ЗГ дучоршуда дар бораи ҳодисаҳои зӯроварӣ хотиррасон мекунанд.
- Аз даст додани қобилияти муҳофизати худ ва фарзандони ноболиғи худ.
- Беҷуръатӣ.
- Рад намудан ё ночиз (хурд) нишон додани ҳодиса ва оқибатҳо.

**БО ЉАБРДИДА/ШАХСИ ДУЧОРШУДАИ ЗГ ЧЇ ГУНА ЊАМКОРЇ БОЯД КАРД**

Савол додан оид ба ЗГ барои њар гуна таъминкунандаи хизматрасонињои равонӣ - иҷтимоӣ метавонад кори душворе бошад. Аз ин лиҳоз, тавсияњои зерин барои зиёд намудани боварии таъминкунандаи хизматрасонии тиббї њангоми саволдињї дар бораи ЗГ, инчунин роњ надодан ба такроршавї кўмак мерасонанд.

- Њангоми оиди зўроварї савол додан, бояд ташаббусро ба дасти худ гиред – интизор нашавед, ки кай зан худаш ҳодисаро наќл мекунад. Ин нишон медињад, ки шумо масъулияти касбиро барои вазъияти мазкур ба зимма мегиред ва ин барои ба роњ мондани муносибати боварибахш кўмак мерасонад.
- Њангоми савол додан ба зан оид ба ЗГ бояд аъзоёни оила, дӯст ё кўдакон њузур надошта бошанд
- Бо љабрдидагон/шахсони ба ЗГ дучоршуда пурсабр бошед, дар назар доред, ки дар шароитњои бўњронї онњо метавонанд эњсосоти мухталиф дошта бошанд. Љабрдидаро барои кушодани сири худ маљбур накунед. Агар сири худро кушодан нахоњанд, ба вай чизеро, ки шуморо дар бораи зўроварї фикр кардан водор намудааст, фањмонед.

- Аз танаффусњои нолозим даст кашед ва фаќат баъди ба анљом расонидани наќлаш барои шарњдињї савол дињед.
- Тавре рафтор намоед, ки мизољ фикр накунад, ки шумо ба вай бовар намекунед, ё вай нољак асту љинояткор бошад њаќ. Бодиққат ба таассуроти вай гўш андозед ва ўро бовар кунонед, ки ба эњсосоти вай эҳтиром доред.
- Бо љабрдида бо забони барояш фањмо сухан кунед, агар забони љабрдида бо забони таъминкунандаи хизматрасонї мувофиқат накунад, таъминкунандаи хизматрасониеро даъват намоед, ки забони љабрдидаро медонад, ё тарљумоне, ки метавонад кўмак расонад.
- Забон ва истифодаи калимањоро то сатҳи донишу фањмиши љабрдида мутобиќ намоед. Калима ва ифодањои касбие, ки оммафаҳм нестанд, истифода набаред.
- Саволу ифодањоро бо услуби созгор ва асоснок тањия намуда, бо овози хайрхоњона манзур намоед. Саволњоро бо шакли кушода истифода бурда, яъне саволњои бо ибораи «барои чї» сар мешаванд ва одатан гунорњи љабрдидаро дар назар доранд, истифода набаред.
- Ҷабрдидаро гунањгор накунед. Ба саволњои ба мисли «Барои чӣ шумо бо вай зиндагї мекунед?» «Кадом заминаҳоро барои рўх додани зўроварї медонед?», «Шумо танњо дар ин љо чї кор мекунед?», «Шумо чї гуна либос пушидаед?» роњ надињед. Дар баробари ин, ҷабрдидаро бовар кунонед, ки ЗГ-ро тањаммул кардан мумкин нест.
- Ифодаҳои ёридињандаро ба мисли «Ман афсўс мехурам, ки бо шумо чунин њодиса рўй додааст», «Шумо дар њаќиќат њам изтироби зиёдеро аз сар гузаронидаед», ки занро барои кушодани иттилооти бештар њавасманд мекунанд, истифода баред.
- Таъкид намоед, ки зўроварї айби љабрдида нест ва танҳо љинояткор пурра љавобгар мебошад.
- Фањмонед, ки иттилоот махфї мемонад ва дар бораи њар гуна мањдудиятњои махфият хабар додан лозим аст.
- Ба гуфтањои љабрдида бодиққат гўш дода, ба чашмонаш нигоњ кунед. Дар рафти сўњбат аз навиштан худдорї намоед.
- Њаракатњои худро дуруст идора намоед. Аз он, ки шумо чї гуна меистед ва дасту саратонро нигоњ медоред, ифодаи рўй ва оњанги овозатон ифодагари он аст, ки шумо вазъиятро чї гуна ќабул мекунед. Асоснок будан ва мавќеи дастгирикунандаро ишғол намоед ва њаќиќати гуфтањои ҷабрдидаро тасдиќ намоед. Аз рафторњое, ки асабоният, нобоварї, нофорамї, ё оташиниро нисбати љабрдида ифода мекунад, худдорї намоед.
- Муқаддасоти фарҳангӣ ё диниро асоснок намуда, рафтори љабрдидаро мањкум накунед.

Таассуроти аввалия ҳамеша таъсири пойдор ва пурмаъно дорад. Таассуроти аввалинро ба љабрдида/ шахсони дучоршудаи ЗГ, ки хоҳиши гирифтани хизматрасониҳои равониву иљтимої доранд метавонад бино, утоқи қабул ва муҳити атроф диҳад. Ин таассурот метавонад аксуламали ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ барои гузаштан аз тамоми чорабиниҳои минбаъда таъсир расонад ва ҳамаи инҳо ҳатто пеш аз он ки мушовир имконияти истиқбол кардани љабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ пайдо кунад, рух диҳад.

Сӯҳбат бо шахси љабрдида, ки гирифтори ЗГ аст, бояд дар як мизи мудаввар ё беҳтараш, бидуни миз низ гузаронида шавад. Ҷои нишаст доштани паҳлуҳои миз метавонад барои суҳбат монеа бошад. Ҷабрдида / шахси дучоршудаи ЗГ, ки эҳсоси нобаробарӣ ба машваратчӣ дорад, метавонад маълумотҳоро ба пуррагӣ нагуяд ва боварӣ нисбати мутахассис коҳиш ёбад.

Бевосита рӯ ба рӯ нишастан ва ба чашмони ҷабрдида / шахси дучоршудаи ЗГ нигоҳ кардан, метавонад тасаввурот дар бораи муқобилиятро ба вуҷуд орад, зеро он ба рафтори маъмулии шахси зӯроваранда монанд аст.

Ҷойгир кардани шахси љабрдидаи ЗГ дар љойе, ки ӯ дари даромадгоҳ / баромадро дида метавонад ва ҳисси назоратро аз болои вазъият дорад, баръакси ҳолати шахсе, ки кирдори зӯроварона мекунад, дар онҷо шахси ҷабрдидаи ЗГ аст дар ҳолати алоҳида ва назоратшаванда ќарор дорад.

Дастрасӣ ба ќабатњои болоии зинаҳои пирамидаи Маслоу дар сурати қонеъ нагардидани талаботхои муҳими хаётӣ, мушкилотҳоро ба амал оварда метавонад. Ба ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ нӯшокиҳо, газакҳо ва об пешниҳод намоед, зеро бештари онњо ба маводи хӯрока дастрасии мањдуд доранд ё умуман дастрасї надоранд. Дар хотир доред, ки баъзе таъминкунандагони хизматрасониҳо барои зиёфат намудани ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ маблағ надоранд, аз ин рӯ онҳо хароҷоти худро аз ҷайби худ пардохт менамоянд.

.

**Амалиётњо**

Ҳадафи асосии хизматрасониҳои равониву иҷтимоӣ, ки ба ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ расонида мешавад ин кӯмак ба ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ дар барқарор намудани худбаҳодиҳӣ ва назорати ҳаёти худ мебошад. Дастгирии рўњию иљтимої бояд амалњоеро дар худ таљассум намояд, ки азобу кулфат ва танњоии ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ - ро коњиш дињад, вазъи саломатии љисмониро бењ созад, ба реинтеграциям иљтимої ва оилавї мусоидат намояд ва дастгирии њуќуќї ва ё иљтимоию иќтисодиро таъмин созад. Дар тамоми зинањои хизматрасонї махфият ва бехатарии мизољ бояд риоя карда шавад.

Тартиби иљроиш ва амалишавии чорабинињо зина ба зина мувофиќи дахолат гурўњбандї шудаанд. Дар њолате, ки принсипњои асосии роњбарикунанда, протоколњо ё таъиноти њуќуќї метавонанд таѓйир ёбанд,

идоракунї ва хизматрасонии тиббї ба љабрдидагон/шахсони дучоршудаи ЗГ бояд чорабинињои зеринро дар бар гиранд: ошкорсозї, бањодињї, хизматрасонии тиббї (бо панљ љузъи асосї), љамъоварии далелњо, њуљљатгузории ЗГ ва равонасозї.

Тартиби иљроиши ќисматњо њангоми рў ба рў шудан бо љабрдидаи зуроварї метавонад таѓйир ёбад, лекин њама гуна кўмак аз ошкорсозї боядоѓоз ёбад. Њар як муассисаи тандурустї ќисматњоеро, ки мувофиќи низомнома ва ваколатҳои њуќуќии муассиса вобаста шудаанд, иљро менамояд. Дар њолати љой доштани далелҳо ё шубња оиди дучор шудани мизољ ба зуроварии гендерї, корманди тиб бояд кўшиш намояд, ки ба мизољ тамоми кўмакҳои лозимиро расонад.

**Ошкорсозї**

Ќадами аввал дар њар як дахолат ҳангоми ЗГ ошкор намудани љабрдида мебошад ва он метавонад бо усулњои гуногун иљро карда шавад: ошкоркунї аз тарафи хизматрасон, огоњ намудани дигар хизматрасон/шахс ва худкушодашавии љабрдида. Њангоми ошкорсозї дар муассисаи тандурустї ду роњи муайянсозии ЗГ истифода бурда мешавад: санљиши умумї ва ошкоршавии њодисањо. Санљиши умумї, ки њамчун санљиши мунтазам низ маълум аст, суњбати фардиро бо тамоми занон оид ба дучоршавии онњо ба ЗГ дар назар дорад. Санљиши умумї метавонад барои муассисањои тиббї душвор бошад, махсусан њангоми мављуд будани номгуи мањдуди равонасозї, имкониятњои мањдуд барои эътинои самаранок ва аз њад зиёд будани захирањо/хизматрасонињо. Ошкорсозии њодисањо ё тафтишоти клиникї ба воситаи пурсиши занњо оиди ЗГ, ошкорсозии њодиса, агар дорои аломатњо/воќеањои муайяни клиникї ва муоинаи ў (њангоми зарурат), амалї мегардад. Воситаи дуюм, ки бо аќидањои селективї ва даќиќи клиникї асоснок ёфтааст, нисбатан самараноктар мебошад, махсусан дар њолате, ки корманди тиб оиди вокуниш ва равонасозї омўзонида шудааст.

Дар њамагуна њолат, ќонеъ намудани талаботњои соҳаи тандурустї, ки метавонанд ба њаёт ё шахсияти љабрдидагон/шахсони дучоршудаи ЗГ тањдид намоянд, бояд афзалият дошта бошанд. Мизољоне, ки дар шароити вазнини ба њаёт тањдидкунанда ќарор доранд, фавран барои табобати таъљилї фиристондан лозим аст. Амалњои минбаъдаи зерин бояд барои осон намудани кушодашавии ЗГ ва ошкорсозии бехатару самаранок барои љабрдидаи ЗГ равона карда шаванд:

- Шахсро бо самимият ва мењрубонї пешвоз гиред.
- Худро муаррифї намоед ва оиди љанбањои њуќуќї ва хизматрасонии муассиса ба таври кўтоњ маълумот дињед.
- Хоњиш намоед, ки худро муаррифї намояд (агар њолаташон имконият диҳад).
- Аз мизољ барои муоина розигӣ пурсед (хусусан, дар њолати љой доштани зуроварии шањвонї)

- Ба мизоҷ имконият диҳед, ки тамоми суолҳои пайдошудаашро бипурсад.
- Талаботҳои гуногуни гурўҳҳои мухталифи аҳолиро (масалан маъюбон, беморони руҳї, ходимони дин ва ғ.) ба назар гирифта, кўшиш намоед то ҳадди имкон кўмак расонед.
- Фазои боварибахш ва ҳамдардиро фароҳам сохта, мизоҷро бодиққат гўш намоед ва суолҳои санҷишї диҳед (нигаред ба қисмати "Чї тавр бо ҷабрдидаи зуроварї бояд ҳамкорї кард").
- Аз пушти парда оиди зуроварии гендерї ҳеҷ гоҳ суол накунед (махсусан дар муассисаҳои тандурустї), чунки шахси сеюм метавонад шунавад.
- Қабл аз муоина ба мизоҷ оиди чорабиниҳои дар назар дошташуда ва мақсади гузаронидани он маълумот диҳед, то ин ки дар натиҷа ба мизоҷ боз осеби дигар нарасад.
- Хулоса бароред, ки пурсидан оиди дучоршавї ба зуроварї ҷоиз аст. Дар хотир дошта бошед, ки шахси ҳамроҳикунанда метавонад ҷабркунанда бошад ва суолҳо оиди зуроварї метавонанд ҷабрдидаро ба хатар гирифтор созад.
- Агар ба хулосае омадед, ки пурсидан ҷоиз аст, бо мақсади беҳбудии ташхис/ошкорсозї, расонидани кўмак ва равонасозї, оиди дучоршавї ба зуроварии гендерї пурсед. *(нигаред ба қисмати "Чї тавр бо ҷабрдидаи зуроварї бояд ҳамкорї кард").*
- Шахси ҷабрдидаро танҳо нагузоред, махсусан дар ҳолате, ки шубҳа ва/ё эҳтимолияти суиқасд ба худ вуҷуд дорад.

**Баҳодиҳӣ**

Баъд аз ошкорсозии ҷабрдидаи зуроварии гендерї, таъминкунандагони хизматрасонии равонӣ бояд оиди амалҳои баъдї (кўмак/дастгирї, ҷамъоварии нишонаҳои исботкунанда, ҳуқуқатсозї ва равонасозї) мувофиқи имкониятҳо, малакаҳо ва салоҳияти мавҷудбуда барои мубоизаи босамар бо зўроварии гендарї хулосабарорї намоянд. Бо дарназардошти талабот ва имкониятҳои шахси ҷабрдида, бояд нақшаи қадамҳои минбаъд оид ба кўмаки тиббї ва чорабиниҳои пайдарҳам, тартиб дода шавад.

- Доир ба хизматрасонӣ розигии ҷабрдидаро ҳатман гирифтан лозим аст. Агар сухан дар бораи кўдакон ё шахсони имкониятaшон маҳдуд равад, розигии волидайн ё парасторро гирифтан лозим аст. Агар шахси ҷабрдида хондаву навишта наметавонад, аризаи огоҳишуда оиди розигї барои ҷабрдида хонда шуда, розигии шифоии ў гирифта мешавад (он дар шакли махсуси розигии огоҳишуда ё навиштаҷоти тиббї қайд карда мешавад).
- Ба шахси ҷабрдида фаҳмонед, ки ў ҳуқуқи дорад интихобро дорад кадом маълумот ошкор гардида ва кадом маълумот махфӣ нигоҳ

дошта шавад.

- Ба шахси љабрдида дар хусуси паёмадњо дар натиљаи расонидани хабар ба дигар муассисањо/хизматрасонињо маълумоти кофӣ додан лозим мебошад.
- Доир ба вуљуд доштани њуљљати њисоботдињии њатмии ҳуқуқӣ оиди ба дигар мақомотҳои дахлдор оиди зуроварии гендерӣ ва њаљми он хабар додан, маълумоти аниќ пайдо намоед.
- Ба љабрдидаи зуроварӣ оиди зуроварии гендерӣ ва оќибатњои он барои саломатӣ маълумот дињед.
- Боварї њосил намоед, ки ба љабрдида кўмаки дуруст, самимӣ ва маќсаднок расонида мешавад.
- Аз љабрдида хоњиш намоед бо суханони худаш дар бораи оне, ки "Чї воќеа рўй дод", "Дар бораи шахсе нисбати ў зуроварї кард", "Чї гуна зуроварӣ ва то чї дараља" наќл кунад. Дар њолати равонасозӣ ба дигар сатҳои хизматрасонӣ, ин маълумот метавонад лозим шавад.
- Сатҳи хатарро арзёбӣ намоед ва баъзе қоидаҳои муҳофизатро муайян созед.
- Оиди оқибатҳои зуроварии гендерӣ, ки ба ҳаёти мизоҷ таъсир расонидаанд, саволҳо диҳед.
- Таъсири равонӣ – иҷтимоӣ ба ҷабрдида/ шахси ба ЗГ дучоршуда ва фарзандонашро муайян кунед.
- Таърихи оилаи биологиро муайян кунед.
- Сохторҳои иҷтимоии аввалин ва дуввуминдараҷа.
- Барои муайян намудани раванди иљтимоӣ, оилавӣ ва шахсии љабрдида, ки ба њолати ў таъсир мерасонад, бояд талабот ва имкониятњои љабрдида бањогузорӣ карда шаванд.
- Дар бораи кўшишҳои қаблӣ барои мубориза бо ҳолатҳои зўроварӣ, воситаҳои наҷот ва пешгирии муносибати бераҳмона пурсон шавед.
- Вазъи кӯдакон (муносибати онҳо ба ЗГ, муносибати онҳо бо падару модарон).
- Ҳиссиёти ҷабрдида/шахси ба ЗГ дучоршударо нисбати ҳодисаи мазкур омӯзед.
- Интизориҳо ва хохишҳои ҷабрдида/шахси ба ЗГ дучоршударо (аз мушовир, аз худаш, аз шахси зӯроварӣ содиршуда, аз ашхоси дигар) ва он чизеро, ки ӯро ба кӯмак ҳавасманд мегардонад, ба назар гиред.

**Хизматрасонї/Дахолат**

Дахолат маҷмӯи хизматрасониҳои асосии маҷмӯиро барои ҷабрдидагон/ шахси ба ЗГ дучоршударо дар бар мегирад, ки таъсир ва оқибатҳои таҷрибаҳои манфиро коҳиш медиҳад ва зуроварии минбаъдаро пешгирӣ менамояд. Дахолат мувофиқи нақшаи инфиродӣ, ки дар асоси эҳтиёҷот ва захираҳои мавҷуда таҳия шудааст, гузаронида мешавад. Ҳама барномаҳои

дахолат бояд ба ҷабрдида/ шахсони ба ЗГ дучоршуда нигаронида шуда, дар робитаи байниидоравӣ ва маҷмӯӣ, мутобиқшуда ва пойдор иҷро карда шаванд.

**Машварати бухронӣ**

Машварати буҳронӣ ба таъмини амнияти фаврӣ, дарки воқеа, тасдиқи ҳуқуқҳои онҳо ва сабук кардани ҳисси гунаҳкорӣ ва шармгорӣ нигаронида шудааст. Машварати буҳронӣ тавассути як қатор усулҳо, аз ҷумла вохӯриҳои рӯ ба рӯ, гуфтугӯ тавассути телефонҳои мобилӣ, почтаи электронӣ, инчунин дар ҷойҳо ва дар шароити гуногун пешниҳод карда мешаванд.

Машварати дарозмуддат, психотерапия ё дигар шаклҳои дастгирии/ дахолати дарозмуддат дар ин бахш оварда нашудааст.

- Эҳтиёҷотҳои асосиро қонеъ гардонед (гуруснагӣ, ташнагӣ, хоболудӣ).
- Аз ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ хоҳиш намоед, ки фикри худро дар бораи натиҷаҳо, воситаҳои наҷот ва захираҳо изҳор намояд. Тамоми роҳҳои ҳалли ин масъаларо бо ҷабрдида / шахси ба ЗГ дучоршуда омӯзед.
- Барои қонеъ кардани тамоми эҳтиёҷотҳои фаврии равонии ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ дастгирии равониро пешниҳод намоед.
- Ба ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ фаҳмонед ва/ё роҳҳои алтернативӣ пешниҳод намоед: а) дастрасии бевосита ба манзили бехатар; б) дастрасии фаврӣ ба хизматрасониҳои таъҷилии тиббӣ; с) имконияти дар тамос шудан ба хизматрасонҳо дар ҳама гуна ҳолатҳо/имконияҳо.
- Бо ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ имконият гирифтани фармони манъкунанда/муҳофизаткунанда аз ҷониби мақомоти судиро пайдо намоед (дар ҳолати зарурӣ).
- Ба ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ дар ташкили нақшаи бехатарӣ барои дар ҳолати зарурӣ таъмини амнияти худ ва фарзандонашон кӯмак намоед (нигаред ба қисмати "Нақшаи бехатарӣ").
- Нақшаи дарозмуддати бехатариро фаҳмонда, мувофиқа намоед ва оиди нақшаҳои минбаъда ва дастрасии маълумоти муфассал дар тамос бошед.

**Манзили бехатар**

Аксар вақт ҷабрдидагон / шахсони дучоршудаи ЗГ бояд фавран манзили худро тарк созанд, то ин ки дар ҳолати бехатарӣ бошанд ва ба њуљраи махфӣ, сарпанонњҳои занона ё љойњои дигари бехавф дастрасӣ пайдо намоянд.

- Манзили боэътимод ва фаврии бехатарро то он даме, ки тањдиди

бевосита бартараф намегардад, пешнињод созед.

- Барои риоя гардидани тамоми тадбирњои зарурӣ боварї њосил намоед, аз љумла: махфият будани љой (тибќи имконият), њузури кормандони хадамоти амният ва бехатарӣ.
- Пешкаш намудани хизматрасонињои дигари махсус ва иловагии зарурӣ мутобиќи эҳтиёҷот ва хоњиши ҷабрдида / шахси дучоршудаи ЗГ: кӯмаки равонӣ/машваратдињӣ, машварати њуќуќӣ, дастгирӣ ба реинтеграсияи иљтимоӣ ва ѓ.
- Боварї њосил намоед, ки бехатарӣ таъмин аст ва эҳтиёҷотҳои шахси њамрољикунандаи кўдакон ќонеъ гардонида шудааст.

## Дастгирии дарозмуддати иљтимої ва машваратдињї

Хизматрасонињои машваратии расмию ѓайрирасмӣ самаранокии худро дар њалли эњтиёљотҳои равонии ҷабрдидагон/шахсони дучоршудаи ЗГ, ки гирифтори депрессия/рӯҳафтодагӣ, њаяљони сахт ва ё ҳолати баъди осебӣ шудаанд, собит намуданд. Баъзе аз намудњои хизматрасонии равонӣ-иљтимоӣ ин гурўњњои дастгирӣ, машваратњои инфиродӣ ва тамоси шабонарӯзиро дар бар мегиранд. Хизматрасонињои машваратии ѓайрирасмӣ дар сатњҳои гуногун, дар љамоатњо аз гурўњњои дастгирикунандаи ҷабрдидагон/шахсони дучоршудаи ЗГ оғоз гардида, бо дахолати гурӯҳҳои динӣ ва ҷомеавӣ фаъолият менамоянд.

- Ба ҷабрдидагон/шахсони дучоршудаи ЗГ имконият дињед, ки интихоби худро намоянд.
- Бо назардошти арзёбии эҳтиёҷоти шахсии ҷабрдидагон / шахсони дучоршудаи ЗГ ва пешниҳодҳои гуногун наќшаи чорабиниҳоро тањия намоед. Ҷабрдидагон / шахсони дучоршудаи ЗГ- ро барои тањияи наќшаи дахолат љалб намоед.
- Барои кӯмаки иљтимоӣ муроҷиат намоед.
- Амалҳои мушаххасе, ки ранљу азоб, танњоии ҷабрдидагон /шахсони дучоршудаи ЗГ - ро коњиш дињад ва фосилаи иљтимоӣ, ки барои барќарор гардидани худэњтиромӣ мусоидат менамояд, пешбинӣ намоед.
- Воситаҳои худдифоӣ ва зиндамонданро тақвият дода, зимнан захираю имкониятҳои ҷабрдидагон/шахсони дучоршудаи ЗГ –ро бо маќсади минбаъд идора намудани њолатњои дорои хусусияти зўроварї ё изтиробовар доштаро, дар назар гирифтан лозим аст.
- Эҳтимолияти нокомии дахолат ва ё дигар амалњоро ба эътибор гирифта, њолати мазкурро ба ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ шарњу тавзењ дињед. Барои пешбинӣ намудани оқибатҳое, ки ба амал омада метавонанд, мусоидат намоед.
- Аниқ намоед / доимо пурсон шавед, ки оё ягон мавзӯъи дигаре вуҷуд дорад, ки ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ мехоҳад оиди он сухбат намояд.

- Мухтасаран бояд шарњ дод, ки кадоме аз амалњо зимни тањияи наќшаи дахолат мувофиќа шудааст ва кадоме аз амалњо бояд аз љониби ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ анҷом дода шаванд.
- Ба ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ муҳтавои наќшаи амалҳои минбаъдаро фаҳмонед ва барои дастрасии минбаъда ба маълумотҳои иловагӣ дар тамос бошед.
- Њангоми вохӯриҳои минбаъда таѓйироти дар вазъияти ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ баамаломада, самаранокии воситаҳои зинда мондан ва натиљањои њар гуна амали аз љониби ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ сарзадаро биомӯзед. Мушкилотҳои ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ омӯхта, кӯмак расонед то ин, ки мушкилот, наќша ва амалњои минбаъдаро боздид намоед.

## Хизматрасониҳои иловагӣ

Кӯмаки моддӣ ва молиявӣ расонед: нақлиёти фаврӣ, ғизо, манзили бехавф, ашёҳои зарурии эҳтиёҷоти шахсӣ ва тиббӣ, пули нақд барои баъзе хароҷотҳо (пардохти шаҳодатномаи тиббӣ, рафтуомади нақлиёт аз як мавзеи хизматрасонӣ то ба дигар макон).

Барои муайян намудани шахсияти ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ ҳангоми омода намудан, барқароркунӣ ё иваз кардани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият кӯмак расонед

Ба ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ бо воситаҳои дастрас маълумотҳои алоқаманд дар бораи ҳуқуқҳои онҳо, аз қабили талоқ/издивоҷ, парастории кӯдак, парасторӣ, чораҳои маҳдудкунанда/муҳофизаткунанда ва вазъи муҳоҷират таъмин намоед.

Ба кӯдакон хизматрасониҳои мувофиқро пешниҳод (ё муроҷиат) намоед, ки манфиятҳои онҳоро ба назар гирад ва мутобиқи талаботҳои байналмиллалӣ ба фаҳмиши кӯдак мутобиқ бошанд.

Барои дастгирӣ ва кумак хатҳои телефони боварии ройгон беҳтараш 24 соат дар як рӯз, ҳафт рӯз дар як ҳафта ё ҳадди аққал чор соат дар як рӯз, аз ҷумла, рӯзҳои истироҳат ва ид таъмин намоед. Боварӣ ҳосил кунед, ки кормандоне, ки ба зангҳо ҷавоб медиҳанд дониш, малака ва омӯзиши мувофиқ доранд.

## Бањодињии њолати рўњї/равонї ва идорасозї

Дар њолати зӯроварӣ аз ҷониби шарики љинсӣ ва зӯроварии шањвонӣ, тавсияњои равонӣ вобаста ба ваќт ба ќисмњои зерин људо мешаванд:

- Дарњол баъди зӯроварии гендерӣ бо дарназардошти талаботњои равонӣ, кӯмаки равонӣ расонида шавад: кӯмаки нињоӣ, ки ғайримаҷбурии амалию дастгирӣ ва баҳо додани эњтиёљоту њарос; кӯмак барои муайян намудани талаботњои њатмӣ (ѓизо, об ва иттилоот); гӯш кардан бидуни маљбур кардан ба гап задан; тасаллї

додан ва кўмак барои ором шудан; кўмак барои дастрасї ба иттилоот, хизматрасонӣ ва ёрии иљтимоӣ; муносибати хайрхоњона намуда, оиди бартарафсозии ҳолати равонии мазкур таъиноти хаттї намоед.

- То 3 моњи баъди њодиса: кўмаку дастгирии амалї бо дарназардошти талаботу эњтиёљот. Истифодаи “Назорати зиракона” дар давоми 1-3 моњи баъди њодиса, ҷиҳати муайян намудани депрессия, истифодаи машруботи спиртӣ ва маводи нашъаовар, нољурињои равонӣ, ќасди худкушӣ ё бахудзарарарасонӣ ва душворињо дар фаъолияти њаррўза. Агар љабрдида аломатњои баъди таљовуз ё дигар нољуриҳои рўњиро дошта бошад, барои гирифтани кўмаки рўњӣ/равонӣ ба мутахасиссони соњавӣ муроҷиат намоед.
- Баъди 3 моњи њодиса: ба њолати руњии љабрдида бањо дода, вобаста ба мушкилињои љойдошта, ба мутахассисон равона намоед.

**Бањогузорї ва идорасозии хатарњо**

Бањогузорї ва идорасозии хатарњо ба пастшавии хатар мусоидат мекунад. Наќшаи таъмини бехатарӣ як ќисмати чорабиниҳо буда, сар задани њодисањои баъдинаро пешгирӣ менамояд. Наќшаи таъмини бехатарӣ вобаста ба омилњои хатар ва имкониятњои љойдошта тартиб дода мешавад.

Барои тартиб додани наќшаи бехатарӣ ошкорсозии омилњое, ки ба такроршавии мунокиша ва рух додани зуроварӣ оварда мерасонанд, зарур аст. Чї ќадар, ки омилњои хатар барои зўроварии гендерӣ зиёд бошанд, ба њамон андоза хавфу хатари љабрдида меафзояд.

Омилњои хатари мушоњидашаванда:

- Њолатњо/њодисањои зўроварии гендерӣ дар гузашта нисбати љабрдида, фарзандон ва дигар аъзоёни оила. Рафтори номатлуб, истифодабарии шаклњо ва воситањои зуроварӣ, љиноятњо ва шикоятњо ба милитсия ва истифода аз яроќ.
- Рафтори бадќањрона берун аз оила.
- Ќањрї будан ва људошавии оила.
- Муттаҳид шудани дигар аъзоёни оила бо шахсе, ки зуроварӣ мекунад.
- Доштан ва/ё истифодаи ќонунӣ ё ѓайриќонунии яроќ ё тањдиди истифодаи яроќ.
- Истифода аз машруботи спиртӣ ва маводи нашъаовар ба ноустувории рафтор ва содир намудани зуроварӣ мусоидат мекунад.
- Тањдид кардан, аз љумла тањдид ба марг ањамияти љиддӣ дорад.
- Рашки аз њад зиёд ва њамчун моликияти шахсӣ њисоб намудан.
- Мафкураи патриархалӣ оиди муносибатњо.

- Думболагирӣ ва хушунати равонӣ расонидан.
- Риоя накардани маҳдудиятҳои аз тарафи маќомотҳои судӣ ё милитсия додашуда.
- Сабабҳои эҳтимолие, ки ба ногаҳон сар задани зӯроварї оварда мерасонанд (таѓйиротҳо дар муносибат).

Наќшаи нахустини бехатарӣ тартиб дода шуда, дар ҳолати зарурӣ пешниҳо ба таври бехатар манзур карда мешавад.

- Рӯйхати шахсоне (дӯстон, ҳамсояҳо), ки дар ҳолати зарурӣ даъват карданашон мумкин аст ё шахсоне, ки ба муддати якчанд рӯз бо манзили зист таъмин карда метавонанд.
- Муайян намудани як ё якчанд ҳамсоягоне, ки оиди зуроварӣ маълумоти дуруст доранд ва дар ҳолати шунидани овозҳои шубҳаноки хавотиромез аз онҳо кӯмак мунтазир шудан имконпазир аст.
- Машќ оиди бехатар аз хона берун шудан.
- Лавозимотҳои заруриро ҷамъ намуда дар ҷое гузоред, ки дар ҳолатҳои фавќулодда гирифтанаш ќулай бошад.
- Ҳиссиёт ва аќли худро ба кор андозед. Дар ҳолати хатарнокии вазъият оиди иҷро намудани хоҳиши шахси зараррасон бо маќсади ором намудани ӯ андеша намоед. Шумо ҳуќуќи муҳофизат кардани худ ва фарзандонатон доред.
- Оиди имкониятҳои муроҷиат барои кӯмакҳои баъдї ба дигар таъминкунандагони хизматрасонї андеша намоед.
- Дар хотир дошта бошед, ки шумо лоиќи лату куб ва мавриди таҳдид қарор доштан нестед.

**Ҳуҷҷатгузорї**

Ҳар ҳолати ЗГ бояд аз ҷониби таъминкунандагони хизматрасониҳои равонию иҷтимої ҳуҷҷатгузорӣ шаванд. Ҳуҷҷатгузорӣ маълумоти пурраи муҳимро дар бораи ҳодиса таъмин менамояд. Ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои ЗГ –ро бо роҳи истифодаи шаклҳои стандартӣ, ќайдҳои дастӣ, наќшаҳо, аксҳо, феҳрастҳои коѓазӣ ва ғайраҳо бояд ба роҳ монд. Ҷамъоварии маълумотҳои дахлдор дар бораи ҳар як ҳодисаи ЗГ ва ворид намудани онҳо ба маҳзани иттилоот а) маълумотҳо барои баҳогузорӣ ва арзёбии ҳодисаҳои ЗГ пайдо карда шавад, б) пешниҳоди даќиќ дар бораи ҳодисаҳои ошкоршуда дар минтаќаи мушаххас дода шавад в) ба арзёбии фаъолияти эътинои байниидоравӣ ба ЗГ мусоидат карда шавад.

- Маълумотро оиди шахси ҷабрдида ҷамъоварӣ ва сабт намоед, аз ҷумла: демографӣ (масалан ном, синну сол, ҷинс), ризоият, анамнез (таърихи умумии тиббӣ ва гинекологӣ), ҳисобот оиди

њодиса, натиљаи муоинаи љисмонӣ ва тањлилњо, наќшаи табобат, маводњои дорувории таъинотшуда ё додашуда, сатњи маълумотнокии љабрдида ва иттилооти додашуда, равонасозӣ.

- Маълумоти пурра оиди зӯроварии гендерӣ љамъоварӣ ва сабт намоед, аз љумла:
  - далелњои исботкунандаи љинояти дарназардошта;
  - таърихи дигар њодисањо, аз љумла бо дигар шарикони љинсӣ;
  - муносибатњои байни љабрдида ва љинояткор;
  - шакли зуроварӣ;
  - шоњидони њодиса, аз љумла фарзандон;
  - истифода аз силоњ (кадом намуд ва чї гуна).
- Барои маълумоти пурра ва муфассал оиди захму љароњатњо, аз шаклњои махсус ва харитаи бадан истифода намоед.
- Ғайр аз ин ба њолати руњию равонии ӯ ањамият дињед.
- Суханоне, ки љабрдида бевосита мегуяд, қайд намоед.
- Шубњањои худро дар асоси далелњои мављудбуда ќайд намоед.
- Ба љабрдидаи зӯроварӣ оиди истифодабарии маълумоти сабтшуда иттилоот дода, доир ба он ризоияташонро гиред.
- Тамоми маълумотњоро дар љойи бехавф ва махфӣ нигоњ доред. Принсипњои роњбарикунанда ва қабулшудаи њар як давлат њаљми маълумотњои љамъоваришавандаро муайян менамояд.
- Барои ќайдкунї ва воридсозии маълумотњо ба системаи љамъоварии маълумотњо ваќти кофӣ људо намоед.

**Равонасозї**

Соҳаи тандурустӣ ва таъминкунандагони хизматрасонињои равониву иҷтимоӣ аксар ваќт нахустин мутахассисоне мебошанд, ки бо љабрдидагони зӯроварї рӯ ба рӯ мешаванд. Ба ин сабаб таъминкунандагони хизматрасонињои тиббї метавонанд љабрдидагони зуровариро ба дигар мутахассисони соњаи тандурустї дар њудуди як муассиса ё дигар муассисањо ва/ё дигар таъминкунандагони хизматрасонї (милитсия, хизматрасонињои махсусгардонидашуда, њифзи иљтимої ва ѓ.) равона созанд. Ба њамин шакл мутахассисони соњаи тандурустї ба љабрдидагони зуроварии аз тарафи дигар таъминкунандагони хизматрасонї равонасохта метавонанд кӯмак намоянд. Љабрдидагон/шахсони дучоршудаи зӯроварии гендарї талаботњои мухталиф ва мураккаб доранд, аз ин рӯ эњтиёљ ва дастрасї ба хизматрасонињои амиќи байнисоњавї ба воситаи равонасозии самаранок таъмин карда мешавад.

Равонасозии босамар аз таъминкунандагони хизматрасонињои тиббї бояд ба чунин талаботҳо ҷавобгӯ бошад**.**

- Доштани малакаи ошкор сохтани зуроварии гендерї, њамчунин мусоидат ва расонидани кўмаки аввалия.
- Доштани малакаи бањодињии инфиродии вазъият ва эњтиёљоти мизољ. Дар њолати муайян намудани хатарнокии баланди вазъият, љабрдида ба дахолати фаврї, ба монанди кўмаки фаврии тиббї ё равонї ва/ё бошишгоњ ниёз дорад. Дар њолати љой доштани вазъияти хатарнокиаш пасттар, бењтараш мизољ барои гирифтани кўмаки иљтимої, равонї ва њуќуќї равона карда шавад.
- Доштани маълумот оиди њуљљатњои меъёрию њуќуќӣ доир ба зуроварии гендерї, аз љумла мафњумњо вобаста ба љиноят, амалњои муњофизатї ва њисоботї. Маълумотњои зерин дар доираи уњдадорињои касбию вазифавї кофият мекунад.
- Гирифтани ризоияти љабрдида ќабл аз иттилоот додан ба дигар муассисањо ва таъминкунандагони хизматрасонї бо риоя намудани махфият. Њолатњое мешаванд, ки ба дигар муассисањои дахлдор иттилоот додан њатмист гарчанде, ки мизољ ба ин зид бошад.

Бањри таъмини равонасозии босамар, чунин шартҳо бояд иљро шаванд:

- Мунтазам боздиди рўйхати муассиса/ташкилотњое, ки ба шахсони љабрдидаи зӯроварї хизматрасонї мекунанд. Дар рўйхат бояд номи пурраи муассиса, шахси њамкорикунанда, суроѓа ва дигар маълумотњо оиди намудњои хизматрасонї дарљ шуда бошанд.
- Вобаста ба эњтиёљот ва хоњиши љабрдидаи зӯроварї муайян намоед, ки ба кадом муассиса равонасозї лозим аст.
- Ба мизољ фањмонед, ки имконияти равонасозї ба дигар таъминкунандагони хизматрасонї бо хоњиш ва/ё зарурат вуљуд дорад.
- Барои равонасозї ва ќабл аз равонасозї ризоияти љабрдидаро гиред.
- Аз љабрдида аниќ намоед, ки кадом иттилоот ба дигар таъминкунандагони хизматрасонї пешнињод ва кадом иттилоот махфї мемонад (ќайд кунед, ки мувофиќи кадом ќонунњои идоракунї/ мањдудият).
- Мувофиќи наќшаи зерин ба љабрдида оиди таъминкунандагони хизматрасонї иттилооти пурра ва даќиќ дињед:

**КЇ** – кадом муассиса/ташкилоте, ки ба љабрдидагони зуроварї хизматрасонї мерасонад, аз ҷумла, маълумоти тамосии шахсе (ном, раќами телефон), ки бо ӯ барои кӯмак дар тамос шудан мумкин аст.

**ЧЇ** – чї гуна ва њаљми кўмак, аз кї ва бо чї ќадар масраф вобаста ба истифодабарї аз хизматрасонї.

**ДАР КУЉО** – мањалли аниќи љойгиршавии хизматрасонї.

- Равонасозї мувофиќи интихоби љабрдида анҷом дода шавад.
- Равонасозиро бо маълумоти мухтасари хаттї ва алоќаи телефонї бо дигар мутахассиси хизматрасон пурра намоед. Ин барои бартарафсозии такрории љавобу саволњо ва тасвири њодиса мебошад, ки ба љабрдида осеби равонии такроршаванда мерасонад.
- Ба љабрдида кўмак расонед, ки самти интихобнамудаашро мустаќилона амалї намояд.
- Агар зарур ва мумкин бошад, љабрдидаро то маконї хизматрасонї њамроњї намоед.
- Ба љабрдида фањмонед, ки ў метавонад барои гирифтани кўмаки иловагї ба муассиса баргардад. Ин масъаларо метавонед дар муоинаҳои оянда хотиррасон намоед.
- Ба љабрдида наќшаи чорабинињои тиббии баъдинаро шарњ дињед.
- Бо маќсади амалисозии чорабинињои банаќшагирифта, аз воситањои алоќа бо њамдигар маълумот дошта бошед.
- Хизматрасониро дар њолате ба итмом расонед, ки ба натиљањои бењтарин ноил гаштед (љабрдида ба дигар таъминкунандаи хизматрасонї равона карда шуд) ё дар њолате, ки эњтиёљот/хоњиши љабрдида/шахси дучоршудаи зуроварї қаноатманд гардонида шуд.
- Оиди раванди равонасозии љабрдидагони зуроварї, бо таъминкунандагони хизматрасонї / муассисањо шартнома баста, бо нишондоди вазифањои њар як муассиса пайнавишт тартиб дињед.
- Ҳамоњангсозї ва мубодилаи ахборот ва роњхатњо байни таъминкунандагони хизматрасонї / муассисањо бояд ба роҳ монда шуда, ба маълумоти кормандондастрас бошад.

**Вазифаи ёвари иљтимої**

Ёвари иљтимої барои расонидани кўмак ва таъмини бехатарии љабрдида ва фарзандони ў дар оила масъул мебошад. Вазифаҳои ёвари иљтимої дар њолатњои зуроварї дар хона:

- Ба љабрдида додани иттилоот оиди доштани њуќуќњо барои њимоя ва хизматрасонињо ва дар њолатњои зарурї роњнамої намудан то муассисањои махсусгардонидашуда.
- Додани маълумот оиди гирифтани амри муњофизатї.
- Бо дарназардошти фикру мулоњизаи љабрдида ва бо розигии ў

кўмак расонидан.

- Риоя намудани махфият нисбати маълумотњои ба љабрдида тааллуќдошта ва шахси хушунаткунанда.

Махфият метавонад дар њолати розигии худи љабрдида ё шахси хушунаткунанда риоя нашавад.

Дар асоси ќабул ва риоя намудани њуќуќњои љабрдидаи зуроварї дар оила, бо дарназардошти пасомадњои равонї ва њуќуќї амал кардан лозим аст.

- Риоя намудани љавобгарї ва масъулияти љиддї дар муносибат бо љабрдидагони зуроварї ва фарзандони ў.

**Оиди пешгирї намудани зўроварї дар оила**

**Кўмаки аввалиндараља**

1. **Дарёфт намудан**

   Ёвари иљтимої бояд:

   - Дарёфт намудан ва баќайдгирии оилањои аз гўрўњи хавфнок, ки метавонад хатари сарзадани њодисањои хушунат медида шавад;
   - Мониторинги оилањои аз гўрўњи хавф мунтазам бурда шавад;
   - Бақайдгирии дарёфтшудагон ё ин, ки интиқолшудагон таъмин карда шавад.

Риояи Ќонун оиди муњофизати маълумоти шахсї дар рафти њуљљатгузории њодисахои зуроварї дар оила, инчунин дар рафти равонасозии байнисоњавии онњо.

2. **Дахолат дар њолати буњронї (кризисї)**

**Ёвари иљтимої бояд:**

- Фавран оиди хушунат дар оила ба сохтори мақомотҳои корњои дохила хабар дињад.
- Њангоми зарурат аз хизматрасонии ёрии таъљилии тиббӣ (03) истифода барад ё интиќол намудани шахси ба зуроварї гирифторшударо ба муассисањои тиббї талаб намояд.
- Ба шахси ба зуроварї гирифторшуда оиди гирифтани кўмаки њуќуќї бо забони оддии оммафањм маълумот доданлозим аст ва дар њолате, ки шахси ба хушунат гирифторшуда ба сохторњои мақомотҳои корњои дохила ариза дода натавонад, бо хоњиши зан, ёвари иљтимої аз номи шахси љабрдида метавонад ариза нависад.
- Муайян намудани ноболиѓони ба хушунат гирифторшуда ё шоњидоне, ки дар њолатњои буњронї ба ёрї муњтољанд ва ба сохторњои дахлдор, шурои њимоякунанда ва парасторон

фавран хабар додан.

- Ба љабрдида оиди гирифтани хулосаи экспертизаи тиббию судї, ки салоњияти тасдиќкунандаро дорад, маълумот додан.
- Њодисањоро ба ќайд гирифта, њуљљатгузорї намудан.
- Ба шахси љабрдида машварати фаврї додан.
- Оиди њуќуќњо ва хизматрасонињои тиббї, ки ў метавонад истифода барад, маълумот додан.
- Мусоидат барои љойгир намудани љабрдида ва фарзандњои ў дар муассисаю марказњои махсусгардонидашуда ё дигар маконњои бехавф.
- Тањияи наќшаи бехатарї дар якљоягї бо шахси љабрдида ва сохторњои маҷомотҳои корњои дохила дар њолати такроран сар задани зуроварї.
- Ба љабрдида додани маълумоти зарурӣ оиди табобати махсуси хушунаткор, аз љумла дар муассисањои тиббї ё наркологї.

**3. Бањодињии тартиботї ва њалли њодисањо**

Ёвари комунитарии иљтимої бояд:

- Бањодињии фаврї оиди вазъи иљтимої - иќтисодї ва моддии љабрдида ва расонидани кўмак барои истифодабарии хизматрасонињои тиббию иљтимої.
- Дар якљоягї бо љабрдида дар назардошти риояи хусусиятњои иљтимої тањияи наќшаи инфиродї.
- Ташкили гурўњи байнисоњавии тартиботї бо маќсади њалли њодисањо.
- Муайян намудани тартиби хизматрасонињо ва таъмини бехатарї ба љабрдида ва фарзандон, равонасозї ба ин муассисањо.
- Њамкории бевосита бо бошишгоњњо бо маќсади таъминоти интегратсияи љабрдида.
- Равонасозии љабрдида ба шуъбањои шуѓли ањолї бо маќсади таъминот бо љои кор, гирифтани тањсилот ва тахассус.
- Баќайдгирї дар муассисањои махсусгардонидашудаи сатњи , љумњуриявї, ноњиявї ва мањаллї бо маќсади додани маълумот ба шахсони љабрдида оиди хизматрасонињои тиббї, њуќуќї ва њангоми вуљуд надоштани муассисањои махсусгардонидашуда, интиќоли парванда ба сатњи вилоятї ё дигар ноњияњое, ки муассисаи махсусгардонидашуда вуљуд доранд.

**Наќшаи инфиродии бехатарї барои заноне, ки ба зўроварии шањвонї аз тарафи њамхоба ё дигар аъзоёни оила гирифтор шудаанд .**

Мизољ ________________________
Таъминкунандаи хизматрасонии тиббї ______________________________
Сана ___________________ бањодињии такрорї (санањо)______________
1. Агар бехатарии ман ва фарзандонам дар хона дар хавф аст, пас ман метавонам ба _________________________________________________
муроїиат намоям, ё ______________________________________________
(њалли масъаларо дарёбед, њоло он ки шумо њодисаи зуроварии такрориро интизор нестед).
2. Дар њолати зўроварї ё хавф, баромади бехатар ба њисоб меравад: _________________________________________________________________
3. (ба мисоли: дару тирезањо, лифт, зинапоя, баромади садамавї ман метавонистам онњоро истифода барам).
4. Агар њолати љанљолӣ хомўш нагардад, ман њаракат мекунам, ки ин њолат дар њуљрае бошад, ки баромада рафтан тавонам.
Инчунин, ман њаракат мекунам, ки дар он њуљра ягон яроќи љангї набошад.

5. Ман метавонам њолати хушунатро ба шахсоне огоњ намоям, ки њангоми шунидани ягон овозњои шубњаомез дар хонаи ман, онњо тавонанд сохторњои мақомотҳои корњои дохиларо даъват кунанд: ______________________________________________________

6. Бо маќсади талабидани ёрї, ба фарзандонам ё дӯстонам, ман метавонам тариќи ишоравї, ба монанди њарф ё аломат истифода барам. ______________________________

7. Агар њамшарикам бо ман якљоя зиндагї накунад, пас метавонам барои бехатарии худ шароит муњайё созам
(бо ташкил намудани ќулфу калид, воситањои хабардињї ва ѓайрањо). _________________________________________________.

8. Ман метавонам љузъдони бехатариро нигоњ дорам (дар хона/ дар хонаи дӯстонам): _________________________________________

9. Бо маќсади зуд аз хона баромадан, ба ман лозиманд (маводњо љузъдони бехатарї):

- Маблаѓ ба миќдори кофї.
- Ќулфу калиди иловагии хона ё ин, ки автомашина.
- Либоси иловагї.
- Маводњои гигиенї.
- Телефони мобилї, раќамњо ва кортњои телефонї.
- Ҳуљљатњои тиббї.
- Ҳуљљатњои лозима (кортњо шиноснома/шањодатномаи шахсї, ва ѓайрањо).
- Бозичањои дустдоштаи фарзандонам.
- Дигарњо._____________________________________________

10. Таъминкунандаи хизматрасонии равониву иҷтимоӣ ба ман маълумот дод, оиди:

- Барои рафтори ношоями њамшарикам, ман љавобгар нестам, лекин ман метавонам бехатарии худам ва фарзандорнамро таъмин намоям.
- Ман ва фарзандонам ба њаёти бехавф сазовор ва њуќуќ дорем.
- Хушунат ин љиноят аст ва барои ин њолат ман метавонам ба сохтори мақомотҳои корњои дохила хабар дињам.
- Ҳукми судии мањдудкунанда/манъкунанда вуљуд дорад ва ман метавонам аз онњо истифода барам.
- Сохторҳои махсус вуљуд доранд, ки ман метавонам аз онњо кўмак талаб намоям: ______________________________

11. Таъминкунандаи хизматрасонии равониву иҷтимоӣ пешнињод намуд, ки ман метавонам ба дигар таъминкунандагони хизматрасонї муроҷиат намуда кўмак гирам: ___________________________________

12. Ман метавонам наќшаи бехатариро бо маќсади таъмини бехатарии худ ё фарзандонам дар худ нигоњ дорам:

______________________________________________________________________________
___________________________________.

**Шарњи мафњумњо**

Мафњумњои гуногун метавонанд шахсиятро, ки дар њаёташ ба зуроварї гирифтор шудааст, муайян намоянд. Мафњумњо лањзае, ки мутахассис бо шахси љабрдида вомехўрад, интихоб карда мешаванд. Шахси ранљкашида љароњат бардошта ё а дар натиљаи зуроварї кушташуд ё шахсеро, ки худро дар муќобили муносибати берањмона ва бадбахтї нотавон њис мекунад, «Ҷабрдидаи зуроварии гендерї» номидан дуруст аст. Мафњуми «Шахси дучоршудаи зуроварии гендерї» шарњ медињад: шахсест, ки ба кўмак эњтиёљ дорад, кушиш мекунад худро муњофизат намояд, барои барќарорсозии шахсият ва њаёти худ мубориза мебарад. Ҳамзамон, дар анљом шахси дучоршудаи зўроварии гендерї метавонад љабрдидаи зўроварии гендерї низ шуда шавад. Дар баъзе ҳолатҳо, вобаста ба намуди хизматрасонї, мафњуми «Мизољ» низ истифода бурда мешавад. Маќсаду вазифањои чорабиниҳо байнисоњавї ва равонасозиро бањри бартарафсозии зўроварии гендерї ба назар гирифта, дар њарду њолатњо мафњуми «Шахси дучоршудаи зўроварии гендерї» истифода бурда мешавад.

**Зўроварї дар оила / зўроварї аз тарафи шарики љинсї**

Њама гуна зўроварии љисмонї, шањвонї, равонї ё иќтисодие, ки дар оила ё

љойњои љамъиятї аз тарафи аъзоёни оила ё шарики љинсї, њамсар ё собиќ шарики љинсї новобаста аз оне, ки якљоя зиндагї мекунанд ё мекарданд, содир карда мешавад (Шӯрои Аврупої, "Конвенсия оиди пешгирї ва мубориза бо зуроварї нисбати занон ва зуроварї дар оила", СДСЕ, №210).

**Никоњи ноболиѓон**

Никоњи расмї ё муносибатњои ѓайрирасмї байни писарону духтарони ноболиғ воќеаи њаќиќї буда, аксар ваќт духтарон бештар азият мекашанд (Хазинаи кӯдакони СММ, (UNICEF), "Никоњи ноболиѓон", с.2012).

**Хизматрасонињои асосї**

Маљмӯи хизматрасонињои асосї ва зарурї барои таъмини њуќуќњо, бехатарї ва бењдоштии њар як зан, духтар ё кӯдаке, ки ба зуроварї нисбати занон дучор гаштааст. Дар њоле, ки хизматрасонињои асосї дар кишварњо ва мањалњои мухталиф ба шаклњои гуногун расонида мешавад, новобаста аз ин дар тамоми сатњњо њамгироии хизматрасонињои сонаи тандурустї, дастгирї, таъминот ва бењдошти иљтимоӣ, хизматрасонии маќомотњои давлатї ба монанди милитсия ва њифзи њуќуќ ба назар мерасанд.

**Зӯроварии гендерї**

Шакли табъиз, ки имконияти занонро дар баробари мардон аз њуќуќњо ва озодиҳо истифода бурдан, мањдуд менамояд. (Конвенсияи СММ оиди бартараф намудани хама гуна табъиз нисбати занон (CEDAW), Тавсияи умумии №19 оиди зуроварї нисбати занон, б.1).

**Таъминкунадагони хизматрасонињои њуќуќї**

Ба онњо дохил мешаванд: кормандони давлатї/њукуматї, суд, прокуратура, корњои дохила, мушовирони ҳуқуқӣ, маъмурияти судї, адвокатњо, ёварони адвокатњо, кормандони муассисањои кӯмакрасон ба љабрдидагон / шахсони дучоршуда ба зӯроварии гендерї, муассисањои иљтимоӣ.

**Њисоботњои њатмї**

Қонунгузории баъзе кишварњо, ки аз мутахассисон ва/ё шахсони алоњида оиди њама гуна зӯроварии рухдода ё эњтимолї дар оила, ё зӯроварї аз тарафи шарики љинсӣ, додани иттилоот ба мақомотҳои њифзи њуќуќ талаб менамояд. Дар бештари давлатҳо њисоботдињии њатмӣ оиди муносибати берањмона нисбати кӯдакон ва ноболиѓон дар мадди аввал гузошта мешавад ва дар дигар кишварњо зуроварї аз тарафи шарики љинсӣ низ дар бар гирифта мешавад.

**Шахсе, ки зӯроварї содир мекунад**

Шахс, гурўњ ё ташкилоте, ки зўровариро бар зидди њоњиши одамон бевосита дастгирї мекунад ё ба амал меорад. (IASC, 2005, Принсипњои роњбарикунанда оиди зўроварии гендерї дар амалњои башардўстона: махсусан пешгирї ва эътино ба зўроварии шањвонї дар њолатњои фавќулодда).

**Тањовуз/ њаракати тањовуз намудан**
Тариќи зўроварии љисмонӣ ё дигар намуди зўроварї њатто ба андозаи ночиз ба дањлези мањбал, рўдаи рост дигар ќисмњои бадан ё ашъёњо ворид намудани олоти љинсии мардона. Ин гуна њаракатњо тањовуз њисоб карда мешаванд (ТУТ, Њисоботи умумиљањонї оиди зуроварї ва саломатї).

**Равонасозї**
Раванди вохўрї ва сўњбати зан бо мутахассиси инфиродї ё муассиса вобаста ба масъалаҳои ў, роњнамої ва машварати мутахассисон оиди њалли масъала бо маќсади дастгирии њамаљониба. Шарикон дар раванди равонасозї одатан дигар муассисањои давлатї, ташкилотњои занона, ташкилотњои љамъиятї, муассисањои тиббї ва дигар корхонањоро вобаста месозанд (Хазинаи нуфузи СММ (UNFPA) 2010).
**Системаи равонасозї**
Заминаи моддию комплексї, ки муассисањои гуногунро бо оинномањои тахассусӣ ва даќиќ, фаъолият ва ваколатњо бо маќсади таъмини бехатарї ва кўмак ба љабрдидагон / шахсони дучоршудаи зўроварии гендерї барои барќароршавии пурра, васеъ намудани њуќуќњо ва имкониятњо, пешгирии зўроварии гендерї ва пайгирии љинояткорон бо њамдигар мепайвандад. Тартиби тавассути равонасозї дар алоќаи зич фаъолият намуда, роњнамої ќадамњои дуруст ва оддӣ анҷом дода мешавад (UNFPA 2010).

**Њисобот оиди њодисањои зўроварии гендерї**
Ошкорсозии љабрдида/ шахси дучоршудаи зўроварии гендерї тавассути таъминкунандаи хизматрасонї ба дигар таъминкунандаи хизматрасонї, мубодилаи маълумотњо оиди њодисаи ЗГ бо дигар муассиса/ташкилотњо дар раванди равонасозї танњо бо розигии ў, бо истиснои баъзе њолатњо, дода мешавад.

**Тањќир / зўроварии шањвонї**
Њама намуди алоќаи љинсї, кўшиш ба алоќаи љинсї, алфоз, њаракатњо ё бозињои шањвонї, ки бар зидди хоњиши як шахс аз ҷониби шахси дигар, новобаста аз муносибати онњо бо љабрдида / шахси дучоршудаи зўроварии гендерї дар шароитњои мухталиф, на танњо дар хона ё љойи кор (ТУТ, Њисоботи умумиљањонї оиди зуроварї ва саломатї).

**Истисморкунии шањвонї**

Њама гуна суиистифода ё кўшиш ба суиистифода кардан аз њолати њассос, мансаб ё боварї, бо маќсади шањвонї, на танњо барои дарёфти маблаѓ, манфиати сиёси ё иљтимої ба воситаи истисмори шањвонии шахси дигар (Бюллетени Генералии СММ оиди мухофизат аз истисморкунии шањвонї (PSEA) (ST/SGB/2003/13).

**Савдои одамон**

Љалбкунї, расонидан, супоридан, пинњонкунї ё ќабули одамон ба воситаи тањдид, истифоди ќувва ё дигар намуди зўроварї, дуздї, ќаллобї, фиребгарї, суистифода аз мансаб ё вазъияти њассос, инчунин бо роњи харидан дар намуди маблаѓ ё манфиат, барои гирифтани розигии шахсе, ки шахси дигарро тањти назорат гирифтааст, бо маќсади суиистифода. Истисморкунї истисмори шањвонӣ, мењнатӣ ё хизматрасонии маљбурї, ѓуломдорї ё урфу одатњои ба ѓуломдорї монанд, њолатњои маљбурӣ/ѓайриихтиёрї ё гирифтани узвњоро дар бар мегирад. (Суратчласа оиди пешгирї ва муќовимат бо савдои одамон аз Конвенсияи СММ зидди љинояткории муташаккилонаи байналмиллалї).

**Зўроварї нисбати занон**

Њама гуна зўроварї дар самти гендерї, ки ба осебияти љисмонї, шањвонї, равонї ё ба азобу шиканҷаи занон оварда мерасонад, њамчунин хатари маљбурӣ ё худсарона мањрум шудан аз озодї, дар њаёти љамъиятї ё шахсї (Деклоратсияи СММ оиди бартарафсозии зӯроварї нисбати занон. Нью-Йорк, СММ, 1993). Он шаклњои мухталифи зӯроварирo нисбати занону духтарон, ба монанди зӯроварии шањвонї аз тарафи шарики љинсї, аз тарафи шахси дигар, савдои одамон ва урфу одатњои хатарнок ба монанди озеби узвњои љинсии занонаро дар бар мегирад.

## Адабиёт


1. Љаласаи 57-уми Комиссия оид ба мавќеи занон (2013), Резолютсия: Пешгирї ва барњам додани њама гуна табъиз нисбати занон ва духтарон (E/2013/27).
2. IASC (2005), Принсипњои роњбарикунанда барои даҳолатҳои ЗГ дар њолатњои башардўстона: пешгирї ва эътино нисбати зӯроварии шањвонї дар њолатњои фавќулодда.
3. ЮНФПА (2001), Назарияи амалї ба зӯроварии гендерї: Дастурамал оиди тањиясозии барномањо барои таъминкунандагони хизматрасонињои тиббї ва роњбарон.
4. ЮНФПА, WAVE (2014), Мустањкамсозии эътинои соњаи тандурустї ба зӯроварии гендерї дар Европаи Шарќї ва Осиёи марказӣ, Бастаи захирањо.

5. СММ Занњо, Хазинаи кўдакони СММ, Хазинаи нуфузи аҳолии СММ (2015), Кўмакњои асосии иљтимої барои занону духтароне, ки дучори зўроварии гендерї мешаванд. Стандартњои сифат ва принципњои роњбарикунанда.
6. СММ Занњо (2014), Муайянсозии љузъњои асосии хизматрасонињои тиббї дар раванди зуроварї нисбати занону духтарон. Натиљаи машваратњои глобалии техникї.
7. ТУТ (2013), эътино ба зўроварї аз тарафи шарики љинсї ва зўроварии шањвонї нисбати занон: принсипњои роњбарикунандаи клиникї ва сиёсии ТУТ.
8. Ташкил ва расонидани кўмаки тиббї ба шахсони дучоршудаи зўроварии шањвонї. Протоколи клиникї. Душанбе. 2017 г.
9. Хизматрасонии тиббӣ. Эътинои байнисоҳавӣ ба зӯроварии гендерӣ. Амалиётњои стандартии оперативї. Душанбе. с.2017.

Тартибдиҳандагон:

**Раҷабзода С.Р.**- д.и.т., профессор сардори Раёсати тањсилоти тиббию фарматсевтї, сиёсати кадрњо ва илми Вазорати тандурустї ва њифзи иљтимоии ањолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Бандаев И.С.** - д.и.т., директори МД «Маркази љумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ»

**Дустов Ҷ.Х.** - н.и.т., муовини директори Коллеҷи тиббии ш. Ваҳдат

**Холова С.Ғ.** - сардори Шӯъбаи таълимии МД «Маркази љумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ»

**Ҷонова Б.Ю.** - н.и.т., сардори Шӯъбаи бизнесбанақшагирӣ ва таҳлили рушди тибби оилавии МД «Маркази љумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ»

**Муқарризон:**

**М.Ф. Додхоева –** профессори кафедраи «Момоӣ ва бемориҳои занона»-и №1 ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино, академики АИТ ҶТ, д.и.т.

**Қ.Б. Қурбонов –** сардори Раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустї ва њифзи иљтимоии ањолии Ҷумҳурии Тоҷикистон